# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 25 сентябри соли 2021, ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 тадқиқоти диссертатсионии Убайдзода Қандили Нусрат дар мавзӯи «Фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат) пешкаш гардидааст, мавриди муҳокима қарор дода, тақриз ва баромади роҳбари илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи система ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Раҳимов Файзали Саъдуллоевич; тақризи мусбати муассисаи тақриздиҳанда - Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, тақризи мусбати муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон, академики Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович**, тақриз ва баромади номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, **Сафоев Абдумаҷид Каримович**, ва инчунин баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои иқтисодӣ Низомова Т.Д., Ғаниев Т.Б., академикҳо Одинаев Ҳ.А. ва Қаюмов Н.Қ. – ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонии баргузоршуда ва хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамият ва натиҷаҳои диссертатсияи Убайдзода Қандили Нусрат, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Убайдзода Қандили Нусрат дар мавзӯи «Фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат) ба талаботи пешбининамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ

(дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферат ва интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.

3. Ба Убайдзода Қандили Нусрат дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.

4. Аз КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Убайдзода Қандили Нусрат бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ ҷонибдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ аст, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил нест. Бетараф нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям. Бо ҳамин, ҷаласаи Шӯро пӯшида эълон карда мешавад.

*Раиси Шӯрои диссертатсионӣ*
*доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* **Ҳ.Р. Исайнов**

*Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ*
*номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* **М.А. Саидмуродова**

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ